**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Аз интиҳои қарни XX инҷониб, тавaҷҷуҳ ба таҳқиқу омӯзиши истилоҳоти соҳаҳои мухталиф рушд намуд ва ин ҳам бошад таълиф гардидани як зумра рисолаву монографияҳо маҳсуб меёбад. Агар то имрӯз ба сатҳи таҳқиқ ва таҳлили истилоҳот назар афканем, соҳаву бахшҳои мавҷуданд, ки вожаву истилоҳоти онҳо қариб, ки ба мардум ошно нестанд ва ба таҳқиқу пажуҳиши илмӣ ниёз доранд. Соҳаи кулолгарӣ низ яке аз он бахшҳо маҳсуб ёфта, моро бо осори илмиву фарҳангӣ ва таърихии ниёгонамон ошно месозад.

Бояд гуфт, ки таҳқиқи луғавию грамматикии истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар бахши забоншиносии муосир ба шумор меравад. Ҳамин тавр, рисолаи илмии Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» пажуҳиши саривақтӣ буда, муаллиф дар он ҷанбаҳоиноравшани мавзуъро бар мабнои усулҳои тасвирӣ, типологӣ-муқоисавӣ, таҳлили ҷузъҳо ва таҳлили луғавию маъноӣ ва сохториву решашиносӣ мавриди баррасӣ қарор додааст, ки бешубҳа дар омӯзиши минбаъдаи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ беаҳаммият нахоҳад буд.

Аз ин рӯ, муҳаққиқ рисоларо аз мубрамияти мавзуъ ва то имрӯз мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифтани вижагиҳои маъноӣ ва сохториву решашиносии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ, инчунин аз лиҳози муқоиса дар шакли таҳқиқи ҷудогона таълиф нагардидани ин гурӯҳи истилоҳот оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки калимаву истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ таркиби луғавии ҳар як забон ба меравад.

Диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз муқаддима, се боб, 13 фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Муқаддимаи рисола тибқи талаботи таҳияи рисолаҳои илмӣ омода гардида, тамоми бандҳои дар низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷгардидаро фаро гирифтааст.

Дар боби якуми рисола «Масъалаҳои назарии таҳқиқи истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», таҳқиқи назарии истилоҳот, таърихи омӯзиш ва назару андешаҳои олимони ин соҳа, шарҳу тавзеҳи истилоҳот дар забоншиносии муосир, мафҳумҳои меҳварии истилоҳоти кулолгарӣ дар сарчашмаҳои илмиву таърихӣ, сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда, таҳлили

решашиносии бархе аз истилоҳоти меҳварии мавриди таҳқиқ ва таснифоти мавзуии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикиву англисӣ дар панҷ фасл, мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия ба вижагиҳои луғавӣ-маъноии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, аз чор фасл иборат аст. Дар он диссертант доир ба сермаъношавии истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, муродифшавии истилоҳоти мавриди зикр дар забонҳои муқоисашаванда, ҳамгуншавии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маълумоти муффассал бо далелҳо пешниҳод намудааст. Ҳамчунин дар боби мазкур номбурда истилоҳоти иқтибосии соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ ва роҳҳои воридшавии вомвожаҳо ба таркиби луғавии забонҳои муқоисашавандаро мавриди таҳқиқу таҳлили амиқи илмӣ қарор додааст.

Ҷаҳонгиров Ш.Ҳ., зимни таҳлили вижагиҳои луғавӣ-маъноии истилоҳоти кулолгарӣ муайян менамояд, ки вожагони аслии тоҷикӣ ва англисӣ асоси манбаву сарчашмаи ташаккулу таҳаввули истилоҳоти касбу ҳунар маҳсуб меёбанд ва дар ғанӣ гардонидани фонди луғавии забонҳои зикргардида нақши басо муҳиммро мебозанд.

Дар боби сеюм «Таҳлили сохтории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», маълумот доир ба хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи сохтории истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пешниҳод шуда, ин масъалаҳо дар чор фасли ҳамин боб мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, усулҳои асосии истилоҳнигории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳлили сохтории истилоҳоти кулолгарии забонҳои муқоисашаванда дар асоси усулҳои сарфӣ, наҳвию сарфӣ ва наҳвии истилоҳсозӣ дар созмони истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пажуҳиш гардидаанд.

Бояд зикр кард, ки дар забоншиносии муосир то имрӯз роҷеъ ба роҳу усул ва шеваҳои калимаву истилоҳсозӣ диду назари ягона вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз муаллиф кӯшидааст, то назару ақидаҳои забоншиносонро иқтибос оварда, андешаҳои худро оид ба ин масаъала ба таври возеҳу равшан баён намояд.

Дар идомаи масъалаи мазкур усулҳои зерини истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ дар сохтани истилоҳоти соҳаи кулолгарии забонҳои тоҷикиву англисӣ дар мисоли усулӣ сарфӣ ва ё вандафзоӣ, яъне сохтани истилоҳ ба воситаи пешванду пасванд; наҳвию сарфӣ, наҳвӣ ва луғавию семантикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, муаллиф аввал истилоҳотро ба забони тоҷикӣ ва баъд ба забони англисӣ аз нигоҳи сохторашон дастабандӣ намудааст.

Дар фарҷоми рисола муҳаққиқ аз омӯзишу таҳқиқи мавзуи мазкур натиҷагирӣ намуда, нуктаҳои асоси дар раванди баррасии мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба даст омадаро қайд менамояд.

Мухтавои асосии диссертатсия дар 11 мақола инъикос гардидаанд, ки аз байни онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим фишурда аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Муодили тоҷикии баъзе аз истилоҳот дар рисола ҷой дода нашудааст, агар муаллиф онҳоро тарҷума мекард, арзиши илмии рисола боз баландтар мегардид.
2. Дар баъзе аз саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ баратарф хоҳанд шуд.

Аз ин лиҳоз диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори комилан анҷомёфта буда, ба талаботи ҷории Низомномаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 –юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – забоншиносӣ (6D021302 – забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарриз, номзадии илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи филологияи
англисииДонишгоҳи славянии
Руссия ва Тоҷикистон Саъдиева Гулистон Фатоевана

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Тел: (+992) 92 705 58 16
Моб: (+992) 98 010 10 17
E-mail: guliston1973@mail.ru

Имзои Саъдиева Гулистон
Фатоевнаро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
славянии Руссия ва Тоҷикистон Раҳимов Абдуҳамич Абдубасирович